«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.п., дотсент
_____________ Сафарзода Д.Ҷ.
«_____» _____________ «_______»

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ): 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 20. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 22. Рушди инфрасохтори савдо: савдои озмунӣ, фаъолияти ярмаркавӣ, савдои биржавӣ ва электронӣ; 24. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 38. Идоракунии ҷараёнҳои технологӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ, мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ**

Дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вобаста ба равандҳои бавуқуъоянда дар самти рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва рақамикунонии босуръат ба амал меояд, равандҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатӣ хусусияти электрониро касб намуда истодааст. Махсусан болоравии талабот ба хизматрасониҳои

рақамӣ, беҳтаргардии раванди идоракунии давлатӣ, болоравии дастрасии тамоми табақаҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, рушди технологияи инноватсионӣ, авҷгирии рақобат ва пайгирии брендҳои глобалӣ, усули анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ коҳиш ёфта, афзалияти рақамикунонӣ ба амал меояд. Дар раванди интизории шаҳрвандони бархурдоргаршта аз афзалиятҳои ҷомеаи рақамӣ, зарурати дарёфти роҳу усулҳои дастёбӣ ба шаклҳои рақамии хизматрасониҳои давлатӣ муҳим гардида, талаботро ба сифат, суръат ва қулайи чунин хизматрасониҳо афзун мегардонад.

Дар замони муосири авҷгирии равандҳои рақамикунонӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ, ба мисли зеҳни сунъӣ, абрӣ имкониятҳои навро барои баланд бардоштани сифат ва таъмини амнияти хизматрасониҳо фароҳам меорад. Аммо шиносоӣ бо вазъи муосири рушди соҳа нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз анҷом додани корҳои зиёд дар самти гузариш ба шакли электронии хизматрасониҳои давлатӣ, дараҷаи электроникунонии хизматрасониҳои давлатӣ то ҳол қаноатбахш набуда, мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои давлатии электронӣ тақозо менамояд. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, ба он алоқаманд, ки инфрасохтори таъсиси ҳукумати электронӣ дар ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ таъсис наёфтааст, ҳамзамон фарҳанги аҳолии кишвар оид ба бартарияти истифодаи шаклҳои электронии коммуникатсия бо давлат эҳсос нагардидааст.

Бо назардошти чунин ҳолат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, рушди босуръати алоқаи мобилӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ки барои истифодаи онҳо дар бахши воқеӣ ва дар низоми идоракунии давлатӣ ҷиҳати таъсисдиҳии ҳукумати электронӣ шароит фароҳам меоваранд, ҳамчун имконияти муҳим барои рушд вазифагузорӣ карда шудааст, ки ин мубрам будани таҳқиқоти илмӣ ва мавзуи диссертатсионии интихобгардидаро исбот менамояд.

**3. Дараҷаи асоснокkунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Муаллиф аз таҳқиқоти илмӣ ва нуктаҳои назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ моҳирона истифода карда, маълумоти марказҳои илмию таҳқиқотӣ, маводи коференсияҳои илмӣ - амалиро доир ба мавзуи таҳқиқшаванда ҳамчун заминаи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф эъҷодкорона методҳои умумӣ – иқтисодӣ, ба монанди муқоисакунӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, усули иқтисодӣ – математикӣ, хулосаҳои худро дар намуди назария пешниҳод намуда, методикаи арзёбии вазъи муосири рушди хизмматрасониҳои давлатии электрониро дар шароити иқтисоди рақамӣ коркард намуда, дар асоси он ҳолати муосири рушди хизмматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамиро дар кишвар мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин истифодаи принсипу методологияи зикршуда, ба муаллиф имконият додаанд, ки тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ коркард карда шаванд.

Дар арзёбӣ ва муайян намудани муаммоҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз асарҳои имлии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба ҳалли ин масъала бахшида шудаанд, маводи конференсияҳои илмӣ – амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ истифода шудааст.

Аз рӯйи таҳқиқ маълум мегардад, ки муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқшаванда сарчашмаҳои илмиро самаранок истифода бурда, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба мақсади таҳқиқот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст. Моҳияти автореферат ва асарҳои банашр расонидашудаи муаллиф ба мазмуни диссертатсия мутобиқ мебошад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгониҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда аз муайян намудани асосҳои назариявӣ ва методии такмили механизми такшилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ иборат мебошад.

Дар диссертатсия як қатор муқаррароти нави дорои аҳаммияти илмиву амалӣ пешниҳод шудааст, ки ба андешаи мо, муҳимтарини онҳо чунин мебошанд:

1. Масъалаҳои назариявии таҳқиқи мафҳумҳои «хизматрасониҳои давлатӣ» ва «хизматрасониҳои давлатии электронӣ» равшан карда шуда, равишҳо ва принсипҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба низом даровarda шудаанд. Таърифи муаллифии мафҳуми «хизматрасониҳои давлатии электронӣ» пешниҳод шудааст, ки ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон дарк карда мешавад. Таснифоти муаллифии хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти сатҳи камолоти рақамии низоми идоракунии давлатӣ ва дараҷаи рақамикунонии онҳо пешниҳод шудааст. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатӣ вобаста ба рақамикунонӣ васеъ карда шуда, тамоюлҳои асосии рақамикунонии онҳо муайян карда шудааст.

2. Равандҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз ҷиҳати методологӣ равшан ва асоснок карда шуда, коркарди равишҳои ҳамаҷонибаи таҳлил ва банизомдарории омилҳои рақамикунонӣ анҷом дода шудааст. Методологияи муаллифии тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилию вазифавӣ ва вазифавию техникӣ (технологӣ) пешниҳод карда шудааст. Талаботи вазифавию техникии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дақиқ карда шуда, қисматҳои сохтори он пешниҳод карда шудаанд.

3. Ба хотири рушди раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди онҳо таҳия карда шуда,

дар баробари равшан кардани муҳтаво ва сохтор, унсурҳои асосии институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ин механизм ба низом дароварда шуда, робитаи байни унсурҳои он асоснок карда шудааст. Собит карда шудааст, ки татбиқи механизми таҳияшуда имкон медиҳад, ки гузариши босифат ба идоракунии давлатии рақамӣ таъмин гардад, устувории институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёфта, сатҳи эътимод ба ҳокимият боло равад, сифати зиндагии шаҳрвандон беҳтар шавад.

4. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои асосӣ бо назардошти мушкилоти ҷойдошта ва самтҳои ояндадори рушди он муайян карда шудаанд. Барои баланд бардоштани самаранокии табдили хизматрасониҳои давлатии электронӣ стратегияи идоракунӣ дар мавриди рақамикунонии иқтисодиёт ва идораи давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Равишҳо ва усулҳои нави санҷидашудаи такмили таркиби хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

5. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, амалияҳои пешқадами пешниҳоди онҳо ошкор карда ва ба низом дароварда шудаанд. Омилҳои асосии татбиқи бобарори амалияҳои пешқадам муайян карда шуда, имконияти мутобиқсозии онҳо дар шароити институтсионалию технологии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири беҳтар намудани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ арзёбӣ карда шудааст.

6. Воситаҳои институтсионалию технологӣ ҳамчун замина барои пешниҳоди муносиби хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд, ки унсурҳои амнияти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи арзёбӣ ва назорати сифати хизматрасониҳо ва технологияҳои ҳамгирошудаи ташкили ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ ва истифодабарандагонро дар бар мегиранд. Мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар мамлакат вобаста ба авҷгирии таҳдидҳои

киберӣ ошкор ва зарурати ҳифзи маълумоти шахсии истифодабарандагони сомонаҳои давлатӣ асоснок карда шудааст.

7. Самтҳои стратегии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, тавсияҳои илмию методӣ оид ба рушди механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешкаш карда шудааст. Дар асоси амсиласозии иқтисодӣ сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологии рақамикунонӣ таҳия карда шудаанд.

8. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия карда шуда, равандҳои зинавии он вобаста ба сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат муқаррар карда шудаанд. Воситаҳо ва механизми афзоиши талабот ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ асоснок карда шуданд. Зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» асоснок карда шуда, оид ба ташкили Маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо тавсияҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Қайд кардан зарур аст, ки хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф метавонанд ба такомул додани асосҳои назариявӣ ва беҳтар намудани вазъи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ саҳми таъсирбахш гузоранд. Дастовардҳои илмии ин таҳқиқот имконият медиҳанд, ки равандҳои хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ самараноктар гардида, сатҳи рақамикунонии иқтисодиёт баланд бардошта шавад.

Ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мақомоти дахлдори соҳавии шаҳру ноҳияҳои кишвар дар инкишофи такмили механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ тавсия ва пешниҳодҳои

илмии диссертатсияро истифода хоҳанд кард, ки ин аҳамияти амалии таҳқиқотро инъикос менамояд. Инчунин, субектҳои хоҷагидор, махсусан мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо имконият доранд, ки дар ҷараёни фаъолияти худ тавсияҳои диссертатсияро ба кор баранд.

Натиҷа ва хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ҳангоми таҳия ва амалишавии стратегияҳо ва барномаҳои такмили хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ истифода гардида, баъзе муқаррароти илмӣ дар раванди таълим аз фанҳои «Ҳукумати электронӣ», «Хизматрасониҳои давлатии электронӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Бехатарии иттилоотӣ» ва «Системаи иттилоотии ягонаи гумрукӣ», ҷиҳати тайёр кардани мутахассисон мусоидат хоҳад намуд.

Дар маҷмӯъ, тавсияиву хулосаҳои илман асосноки дар кори диссертатсионӣ дарҷ ёфта, ки аҳамияти амалӣ доранд, ба рушди фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия ва муассисаҳои соҳавӣ муфид мебошанд.

**6.Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар диссертатсия пешниҳодшуда дар асоси истифодаи васеи усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот таҳлилҳои назариявӣ, усулҳои оморӣ, муқоисавӣ ва таҳлили иқтисодӣ истифода шуда, онҳо имкон додаанд, ки натиҷаҳо ба таври мантиқи ва илмӣ асоснок карда шаванд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ бо такя ба маводи омории расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳлили воқеии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таъмин шудааст. Маълумоти истифодашуда санҷида шуда, натиҷаҳои ҳисобу таҳлилҳо байни худ мутобиқат доранд ва тамоюлҳои воқеии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамиро инъикос менамоянд.

Бо ин тарз, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва аз нигоҳи амалӣ дуруст буда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.**

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асоснокқунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асоснокқунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия) ва таъсири онҳо ба самаранокии натиҷаҳои иқтисодии фаъолият саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқотии пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар интишороти муштарак инъикос карда шудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот 62 асари илмӣ, аз ҷумла 59 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст. Аз ин шумора 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор ёфтааст. Ғайр аз ин, муаллиф 3 монографияро оид ба масъалаҳои тадқиқшуда чоп кардааст. Ҳамчунин 38 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводҳои конференсияҳо чоп шудаанд. Ҳамин тавр, таълифоти муаллиф ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ комилан мутобиқ мебошад.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» дар худ таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсия мутобиқи мақсад, предмет ва

обеъкт мантиқан дуруст мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва пешниҳод, руйхати адабиёти истифодашуда, ки 342 номгуйро фаро гирифтааст, иборат буда он дар 392 саҳифаи матни асосӣ байён шуда, 40 ҷадвал ва 39 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи роҳандозӣ намудани механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ таъкид карда шудааст. Мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, инчунин фарзияи асосии он муайян карда шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳими диссертатсия оварда шудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия «Асосҳои назариявии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ», асосҳои назариявии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба низом дароварда шуда, хусусиятҳои асосии таснифот, инчунин асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян карда шуда, муаллиф фикру андешаҳои худро вобасата ба масъалаҳои мазкур муфассал баён намудааст.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, низоми идоракунии давлатӣ тағйироти амиқеро аз сар мегузаронад, ки бо ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, табдили шаклҳои ҳамкории байни давлат, тиҷорат ва ҷомеа, афзоиши талабот ба сифат, дастрасӣ ва шаффофияти хизматрасониҳои давлатӣ алоқаманд мебошанд. Хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба воситаи асосии рақамикунонии бахши давлатӣ, муосирсозии равандҳои маъмурӣ, кам кардани хароҷоти муомилот ва густариши имконият барои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа табдил меёбанд (саҳ 20).

Андешаҳои олимону мутахассисонро оид ба мафҳуми хизматрасониҳои давлатии электронӣ баррасӣ намуда, муаллиф дуруст қайд кардааст, ки «хизматрасониҳои давлатӣ»-ро пешниҳод мекунем: хизматрасониҳои давлатӣ

амалҳо ва қарорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода шуда, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона гардидаанд ва дар шакли муқарраршудаи меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд. Ин таъриф имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатӣ на танҳо ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти мақомоти давлатӣ, балки ҳамчун унсури механизми ташкилию иқтисодии идоракунии давлатӣ низ баррасӣ карда шаванд. Ҳамчунин, таърифи пешниҳодшуда заминаи назариявиро барои минбаъд равшан кардани хусусиятҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ фароҳам меорад (саҳ 21-25).

Муаллиф дар диссертатсия усулҳои гурӯҳбандии хизматрасониҳои давлатии электронӣ, норасоиҳои таснифоти мавҷудаи хизматрасониҳои давлатиро дар илм пурра намуда бошанд ҳам, аммо кӯшишҳоро оид ба коркарди таснифоти ягона ба итмом нарасонидаанд ва ин масъала то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Амсилаи алмоси электронӣ таҳкурсии амиқро барои муайян намудани хусусиятҳои хизматрасониҳои электронӣ дар сатҳи мазкур муҳайё намуда мавриди таҳқиқот қарор додааст (саҳ 45 то 48).

Дар диссертатсия заминаҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъкид мешавад, ки новобаста аз қабули меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи ТИК хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон масъалаҳои зиёди ҳалталаб ҷой дорад. Махсусан, инфрасохтори ҳукумати электронӣ дар дараҷаи зарурӣ ташаккул наёфтааст ва мукаммалгардонии онро бо дарназардошти таъсиси меъмории техникӣ ва мукаммалгардонии сохтори берунаи он, бо ҳуҷҷатгузориҳои зарурӣ таъмин намудани низомҳои иттилоотии он ва тартиботи истифодааш тақозо менамояд. Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиш пешниҳод ва асоснок менамояд, ки Консепсияи таъсиси ҳукумати электронӣ дар мамлакат дар шакли нав ва фарогири тақозои замон барои давраи то соли 2040 таҳия ва қабул карда шавад (саҳ 59 то 76).

Дар **боби дуюми** диссертатсия муаллиф ба «Методологияи таҳқиқи ташаккул ва рушди механизми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонӣ», равишҳои асосии методологии ташаккули низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электрониро муайян намуда, методикаи тарҳрезии меъмории портали чунин хизматрасониҳо бо тавсифи муфассали татбиқи амалии он таҳия намудааст. Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси амсилаи консептуалӣ пешниҳод карда шуда, асоснок намудааст.

Гузаронидани таҳқиқоти илмии масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ равиши махсуси методологиро тақозо менамояд, ки моҳият ва ҳадафҳои стратегии чунин гузаришро муайян намуда, сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва омодагии аҳолиро ба инобат мегирад. Албатта, масъалаҳои назариявии ташакулёбии бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ арзиши баланди илмӣ доранд ва аз ҷониби мактабҳои зиёди иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд (саҳ 77).

Ба андешаи муаллиф, истифодаи равиши маркетингӣ дар раванди ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо метавонад на танҳо дараҷаи қонеъ будани онҳоро аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда баланд бардорад, балки ба рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад (саҳ 80-83).

Муаллиф дар саҳифаи 84-85 – и диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки ҳангоми рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ бояд хусусияти маҷмуӣ доштани онҳо таъмин карда шавад, то он ки таъбизи ҳуқуқи истеъмолкунанда мушоҳида нашавад. Агар хизматрасониҳои давлатӣ ҳангоми пешниҳоди худ бо усули анъанавӣ бо истифода аз захираҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда шаванд, пас ҳангоми рақамикунонии онҳо бояд чунин раванд бекор карда шавад. Тарофаҳои хизматрасонӣ бояд дастрас ва принсипи муқаррарсозии онҳо ба аҳолӣ ва корхонаҳо ошкор ва фаҳмо бошад. Механизми нархгузории хизматрасониҳои давлатии электронӣ бояд хусусияти иҷтимоӣ дошта бошад.

Таҳия ва татбиқи чунин механизими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ барои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муҳим мебошад.

Унвонҷу дар **боби сеюм** «Вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ», вазъи ташкили низоми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат таҳлил ва арзёбӣ намуда, омилҳо ва заминаҳои рушди чунин хизматрасониҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ошкор гардида, таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт таҳқиқ шуда, имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст.

Муаллиф дар диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки дар соҳаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ тағйироти назарраси институтсионалӣ ба амал омада истодааст, ки ин раванд пеш аз ҳама бо нуфузи афзояндаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ вобастагӣ дорад. Дар чунин вазъият, вазифаҳои муҳими давлатӣ, ба монанди баланд бардоштани самаранокӣ ва маҳсулнокӣ, таъмин намудани сифати баланди хизматрасониҳои давлатӣ бо хароҷоти камтар, дар маркази диққат қарор гирифтаанд. Барои ҳалли ин масъалаҳо, истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ метавонад нақши ҳалкунанда бозад. Бо вуҷуди ин, дар баробари рушди худи технологияҳои рақамӣ, ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ ва малакаи истифодаи ин технологияҳо аз ҷониби кормандони давлатӣ ва аҳолӣ аҳамияти махсус додан зарур мебошад (саҳ 146).

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки дар даҳсолаи аввали асри XXI дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои нави ҳамкории давлат бо аҳолӣ ба вуҷуд омад, ки имконияти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро дар шакли нисбатан самаранок бо истифодаи ТИК пеш овард. Имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аксари давлатҳои пешрафта нақшаҳо ва стратегияҳои гузариш ба ҳукумати электрониро қабул намудаанд ва дар онҳо пешравии назаррас дар соҳаи пешиҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи Интернет бавуҷуд омад, ки дар

натиҷа, дастрасии шабакавӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ дар мамлакатҳои пешрафта ба 55-65 фоиз расидааст. Ҳукумати электронӣ аллакай собит намудааст, ки ба зиндагии аҳолӣ таъсири назаррас расонидааст (саҳ 149-150).

Дигар ҷанбаи таҳлили гузаронидашудаи муаллиф, ки барои арзёбии вазъи муосири рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳқиқи дараҷаи рушди алоқаи мобилӣ ва собит дар мамлакат муҳим аст. Қиммати зичии алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба 5,2 нафар аз сад нафар аҳолӣ баробар буд, ки хеле нокифоя аст. Гарчанде хусусияти кӯҳии мамлакат афзалшумории аҳолиро ба хизматрасониҳои мобилӣ зиёд намудааст ва бақайдгирии аҳолӣ дар ин бахш 79,18 нафар одамро аз 100 фаро мегирад. Аммо, дар баробари ин, ҳоло ҳам сатҳи воридшавии хизматрасониҳои фаррохи Интернетӣ дар мамлакат дар дараҷаи паст қарор дорад. Зеро тибқи маълумоти оморӣ нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024 43,18%-и истиқоматкунандагони мамлакатро фаро мегирифт. Ин гувоҳи он аст, ки интернети фаррохмавҷ барои электроникунонии хизматрасониҳои давлатӣ ҳоло ҳам кафил буда наметавонад (саҳ 159).

Таъминоти аҳолӣ бо компютери ба Интернет васлгардида нишондиҳандаи дигари муҳим дар рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор меравад. Агар дар соли 2018 танҳо 14,25% хонаводаҳо бо компютерҳои фардӣ таъмин буданд, аз онҳо 10,3% ба Интернет бо компютер пайваст буданд. Ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 24,2 ва 20,2% мутаносибан расидааст. Аммо дар инҷо бояд як нуқтаро ба инобат гирифт, ки гурӯҳи асосии аҳолие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Интернет таъмин мебошанд, ин ҷавонон ба шумор меравад, ки дар бисёр вақтҳо истеъмолкунандаи номгӯйи васеъи хизматрасониҳои давлатии электронӣ нестанд (саҳ 160 - 161).

Дар диссертатсия таҷрибаи мамлакатҳои ИМА, Британияи Кабир, Эстония, Булғолия, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Федератсияи Россия оид ба ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъкид мешавад, ки дар нимаҳои солҳои 90-ум асри XX Британияи Кабир аз рӯйи нишондиҳандаи

омодагӣ барои ҷамъияти иттилоотӣ дар байни давлатҳои мутараққии саноатӣ мавқеи нисбатан заифтарро дошта яке аз таҷрибаҳои пешрафта дар замони муосир дар самти татбиқи технологияҳои информатсионӣ - коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ таҷрибаи Эстония ба шумор меравад. Эстония яке аз давлатҳои нисбатан пешрафта аз лиҳози технологияҳои рақамӣ ба шумор меравад, дар он ҳукумати электронӣ дараҷаи баланди рушди худро ноил гардида, аксари масъалаҳо тариқи Интернет ҳаллу фасл карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст (саҳ 192 то 206).

Дар **боби чоруми** диссертатсия «Воситаҳои институтсионалию технологии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, равишҳои корбурди зеҳни сунъӣ дар низоми чунин хизматрасониҳо, хусусиятҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила доираи истифодаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз тарафи аҳолӣ ва корхонаҳо бештар маъмул ва гуногунранг мегардад. Дар ин раванд талаботи аҳолӣ ва корхонаҳо ба васоити коғазӣ коҳиш ёфта, кори мақомоти давлатию маҳаллӣ беҳтар карда мешавад ва навбатпоиҳои мурочиаткунандагон тавассути таҳияи хизматрасониҳо тариқи «Равзанаи ягона» аз байн меравад. Аммо суръати баланди ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар ҳаёти шаҳр нисбат ба суръати рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ тезтар аст, бинобар ин, дар амал вайронкунии коркарди маълумоти шахсӣ ба мушоҳида мерасад. Соҳаи амнияти иттилоотӣ дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ба яке аз соҳаҳои мубрам мубаддал гардида, бо суръати баланд дар ҳоли инкишоф мебошад. Ин соҳа хоси тамоми

ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барои тамоми бахшҳои рақамишудаи иқтисодиёт афзалияти ногусастанӣ дорад (саҳ 207).

Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф талабот оид ба таъмини амнияти иттилооте, ки дар технологияҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ паҳн мешавад, ба як қатор хусусиятҳои хоси истифодаи воситаҳои автоматикунонии равандҳои идоракунӣ ва ташкили кор бо аҳолӣ алоқаманд буда, вобаста ба он тадбирҳои зарурӣ ҳангоми ташкили амнияти иттилоотӣ роҳандозӣ карда мешаванд, ки хусусиятҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва тадбирандешӣ вобаста ба он дар расми 4.2 – и диссертатсия оварда шуда асоснок намудааст (саҳ 220 то 221).

Дар баробари пешрафти зеҳни сунъӣ, садҳо ҳазор намудҳои махсуси нармафзори интеллектуалӣ барои ҳалли миллионҳо мушкилоти гуногун сохта мешаванд. Технологияҳои зеҳни сунъӣ аллакай ба дараҷаҳои гуногун дар нармафзор ва сахтафзор дар атрофи мо ҷойгир шудаанд. Инҳо технологияҳое мебошанд, ки мо онҳоро «ҳушманд» меномем ва барои таҳия ва ҳамкории бисёр технологияҳо ва дастгоҳҳои муосир замина мегузоранд. Бо вуҷуди ин, агарчи технологияҳои зеҳни сунъӣ таҳдиди мустақим ба мавҷудияти инсон надоранд, аммо маънои онро надорад, ки онҳо комилан бехатаранд. Баръакс, рушди онҳо хатари таҳаввулоти иҷтимоӣ ва демографӣ, инчунин мушкилот дар танзими рушд ва амнияти онҳоро ба вуҷуд меорад (саҳ 226 то 227).

Муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз, низомҳои зеҳни сунъӣ бештар дар бахши инфрасохторӣ, таъмини амнияти миллӣ, бахшҳои низомӣ ва мудофиа ба монанди низомҳои автоматии силоҳ ё низомҳои назорати ҳаракат истифода мешаванд.

Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 268-269 – и диссертатсия баҳри арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ тибқи меъёрҳои равандӣ ва самаранокӣ, меъёрҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электрониро таҳрезӣ ва асоснок карда шудааст.

Дар **боби панҷуми** диссертатсия «Самтҳои стратегӣ ва механизмҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»,

самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешниҳод гардида, амсилаи иқтисодӣ ва сенарияҳои рушди онҳо таҳия карда шуда ҳамчунин воситаҳо ва механизмҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, пешниҳод карда шудааст.

Истифодаи ТИК дар фаъолияти муассисаҳои давлатӣ, пеш аз ҳама, бояд бо вокуниш нишон додан ба ниёзҳои асосӣ ва воқеии шаҳрвандон ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии онҳо мувофиқ бошад. Беҳтар кардани ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳаёти мардум ва баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон яке аз авлавиятҳои муҳимтарин дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ мебошад. Ҳадафи асосии гузариш ба механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ на танҳо рақамӣ кардани равандҳо, балки фароҳам овардани сатҳи қобили қабули қаноатмандии шаҳрвандон аз ҳамкорӣ бо муассисаҳои масъул барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, маъмурӣ ва гирифтани хизматрасониҳо, аз қабили хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ мебошад (саҳ 276).

Дар диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки идоракунии самараноки тағйиротҳои бавуҷудоянда дар чор самт дуруст ба роҳ монда шавад: раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, дар сохтори ташкилии мақомот ё муассисаи пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатӣ, бозомӯзӣ ва мутобиқгардонии кормандон; ва фарҳанги ташкилот. Дар ин раванд як қатор тағйирот пеш аз марҳилаи татбиқи ҳукуматӣ, стратегияи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва баъд аз он ба вуҷуд меоянд, ки идоракунии онҳо самаранокии гузариш ба шакли рақамии хизматрасониҳои давлатии электрониро баланд мегардонад (саҳ 288-289).

Дар диссертатсия муаллиф ояндабинии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба он равона намудааст, ки заминаи иттилоотӣ ва таҳлилӣ барои муайян кардани самтҳои эҳтимолии рушд ва интихоби роҳи қобили эътимоди он дар доираи шаҳру вилоятҳо ва мамлакат дар умум, новобаста аз андоза ва хусусияти онҳо, фароҳам оварда шавад. Ин раванд на танҳо

тамоюлҳои воқеии рушдро дар дурнамо муайян мекунад, балки инчунин заминаи илмиро барои таҳия ва асоснок намудани тадбирҳое фароҳам меорад, ки ба таъсири фаъолона ба ин тамоюлҳо ва пешбурди устувори рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат нигаронида шудаанд. Бинобар он, таъкиди муаллиф саривақтӣ мебошад (саҳ 295 то 297).

Баъдан, дар диссертатсия муаллиф дараҷаи оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пеш аз ҳама ба коркарди низоми огоҳонидани аҳолӣ алоқаманд аст, ки доираи он хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо усулҳои умумӣ, дастрас ва самараноки оммависозӣ пурра карда мешавад. Натиҷаи татбиқи чунин усулҳо боиси он мегардад, ки сатҳи огоҳии шаҳрвандон оид ба хизматрасониҳои мавҷудаи давлатии электронӣ, имтиёзҳо ва роҳҳои дарёфти онҳо баланд бардошта шавад (саҳ 308-319).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), ҷавобгу мебошад.

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Кори диссертатсиони бо забони фаҳмо ва бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расонидаи довталаб таркиби асосии

диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмӯъ қонеъ карда мешавад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло мутахассиси варзида дар соҳаи хизматрасонӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самтро дорад. Кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии у мувофиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори анҷомёфта ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2. – Иктисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгу мебошанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба хайси тадқиқотчӣ бояд таъкид карда шавад, ки у донишомузӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки ба миён гузошта шудаанд, дорад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

1. Боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ унвон дорад. Аммо доир ба масълаи иқтисоди рақамӣ муаллиф камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

2. Арзиши илмии диссертатсия бозҳам баландар мегашт агар муаллиф, иқтисоди рақамӣ ва омилҳои рушди устуворро бо назардошти

шароити муосир ва таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ пурра тасниф ва асоснок менамуд.

3. Хуб мешуд, ки муаллиф зимни арзёбии мушаххаси хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамиро пурра таҳлил намуда, баъдан самтҳои ташаккул ва рушди онро асоснок менамуд.

4. Дар зербоби 5.3 – и диссертатсия муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ зарур аст имкониятҳои таҳсилоти якумрӣ фароҳам оварда шавад, вале механизми татбиқи онро мушаххас накардааст.

5. Кори диссертатсионӣ бурд мекард, агар муаллиф дар асоси таҳлилҳои анҷомдодаи худ дар боби 5 – уми диссертатсия самтҳои афзалиятноки иқтисоди рақамиро дурнамогирӣ менамуд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса диссертатсионии Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирова Г.Т. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №11.1 аз 23.06.2026). Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 12 нафар, зид – нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи менеҷменти**
**байналмилалии АИДНПҶТ** **Бобомуродов П.У.**

**Ташхисгар:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи менеҷменти**
**байналмилалии АИДНПҶТ** **Қодирова Г.Т.**

**Котиби ҷаласа:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи менеҷменти**
**байналмилалии АИДНПҶТ** **Олимов С.И.**

**Имзоҳои Бобомуродов П.У., Қодирова Г.Т. ва Олимов С.И.-ро тасдиқ мекунам.**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси АИДНПҶТ Насурддинзода А.Н.

«23» 06 соли 2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Телефон: +992 (37) 224-17-86, (37) 224-17-18
E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru info@apa.tj